# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**6-уми феврали соли 2021 ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Саъдуллозода Насрулло Саъдуллоро дар мавзӯи: «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-Иқтисодиёти ҷаҳон, пешкаш гардидааст, мавриди муҳокима қарор дода, тақриз ва баромади роҳбари илмӣ: - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна**; тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда: - Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»; тақризҳои мусбат ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Усмонова Туфа Ҷумаевна**; - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири бахши муҳоҷирати аҳолии шӯъбаи демографияи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ **Бобоев Анвар Абдуллоевич** ва инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ аз рӯйи самти ихтисос докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Султонов З.С., Умаров Ҳ.У., Ҷураева А.О., Шерова Н.Д., Одинаев Ҳ.А., Ғаниев Т.Б., натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии баргузоршуда ва хулосаи Шӯрои диссертатсиониро, ки ба диссертатсия бо назардошти мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ, асоснок будани онҳо, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшуда таҳия карда шудааст, ба инобат гирифта,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Саъдуллозода Насрулло Саъдуллоро дар мавзӯи: «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-Иқтисодиёти ҷаҳон, пешкаш гардидааст, ба меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопгардида дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ, мазмун ва мундаричаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Ба Саъдуллозода Насрулло Саъдулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-Иқтисодиёти ҷаҳон дода шавад;

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Саъдуллозода Насрулло Саъдуллоро бо дипломи доктори фалсафа (PhD) сарфароз гардонад.

Муҳтарам аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, кӣ ҷонибдори қабул шудани қарори ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳиш мекунам, овоз диҳед.

Овоздиҳӣ: тарафдор: 17 нафар, муқобил: нест, бетараф: нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед, унвонҷӯйро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намуда, ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, роҳбари илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кори пурмаҳсулашон миннатдории бепоёни худро баён намоям.

Дар ҳамин ҷо, ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пушида эълон мегардад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**И. в котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Низомов С.Ф.**

***6-уми феврали соли 2021***